# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

# Дар хусуси тасдиқи Созишнома оид ба мубодилаи иттилооти зарурӣ барои муайян ва назорат кардани арзиши гумрукии молҳо дар давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Созишнома оид ба мубодилаи иттилооти зарурӣ барои муайян ва назорат кардани арзиши гумрукии молҳо дар давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки 3 ноябри соли 2017 дар шаҳри Тошканд ба имзо расидааст, тасдиқ карда шавад.

2. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҷиҳати амалӣ намудани Созишномаи мазкур тадбирҳои зарурӣ андешад.

3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида Кумитаи иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро дар бораи аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур заруранд, огоҳ намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

аз 15 декабри соли 2018 № 584

ш.Душанбе

Тасдиқ карда шуд

бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 15 декабри соли 2018 № 584

## Созишнома оид ба мубодилаи иттилооти зарурӣ барои муайян ва назорат кардани арзиши гумрукии молҳо дар давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

Ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки минбаъд Тарафҳо номида мешавад,

дар асоси муқаррароти Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ дар корҳои гумрукӣ аз 15 апрели соли 1994,

бо кўшиши таъмини назорати самарабахши арзиши гумрукии молҳои тавассути сарҳади гумрукии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил интиқолшаванда ва бо мақсади мубориза бар зидди саркашӣ намудан аз пардохтҳои гумрукӣ,

бо эътирофи зарурати сари вақт мубодила намудани иттилоот ва маълумот, ки ба такмили назорати арзиши гумрукии молҳо мусоидат менамоянд,

ба мувофиқаи зайл расиданд:

### Моддаи 1

Ҳадафи Созишномаи мазкур ҳамкорӣ, мусоидат ва ёрии байниҳамдигарии байни Тарафҳо барои таъмини эътимоднокии арзиши гумрукии декларатсияшавандаи молҳои тавассути сарҳади гумрукии давлатҳои иштирокчии Созишномаи мазкур интиқолшаванда мебошад.

### Моддаи 2

Дар Созишномаи мазкур мафҳумҳои зерин истифода бурда мешаванд:

мақомоти ваколатдори Тарафҳо - мақомоте, ки барои амалисозии Созишномаи мазкур буда, аз ҷониби Тарафҳо муайян шудаанд;

шароити техникии мубодилаи иттилоот - ҳуҷҷате, ки сохтор, андоза ва таркиби маълумоти мақомоти ваколатдори Тарафҳо мубодилашаванда, регламенти мубодила, муҳлат ва усули мубодила,

инчунин шахсоне, ки барои омода, ирсол ва қабули маълумот масъул мебошанд;

сарҳади гумрукии давлатҳои иштирокчии Созишномаи мазкур ҳадди ҳудуди гумрукии давлатҳои иштирокчии Созишномаи мазкур ва барои давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё - ҳадди ҳудуди гумрукии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё.

**Моддаи 3**

Бо мақсади амалисозии Созишномаи мазкур ҳар яке аз Тарафҳо мақоми ваколатдорро муайян намуда, ҳамзамон бо ирсоли огоҳинома оид ба иҷрои расмиёти дохилидавлатӣ, ки барои эътибор пайдо намудани Созишномаи мазкур зарур мебошад, ба маҳфуздоранда дар ин хусус хабар медиҳад.

Дар ҳолати иваз шудани номи мақоми ваколатдоре, ки барои амалисозии Созишномаи мазкур масъул мебошад, Тарафи дахлдор дар муддати 30 рӯз ба таври хаттӣ ба маҳфуздоранда хабар медиҳад.

Маҳфуздоранда тибқи тартиби муқарраргардида ба ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии Созишнома дар бораи мақомоти ваколатдори Тарафҳо хабар медиҳад.

**Моддаи 4**

Тарафҳо дар асоси дуҷониба мутобиқи қонунгузории миллӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ, ки давлатҳои онҳо иштирокчионашон мебошанд, мубодилаа иттилооти заруриро барои муайян ва назорат кардани арзиши гумрукии молҳо тавассути мақомоти ваколатдори Тарафҳо ба роҳ мемонанд.

**Моддаи 5**

Дар доираи Созишномаи мазкур мақомоти ваколатдори Тарафҳо маълумотро мунтазам ба якдигар бо тартиби муайяни дар замимаи Созишномаи мазкур овардашуда, аз махзани маълумоти нусхаи электронии декларатсияҳои содиротӣ, ки ҳангоми баровардани мол ба ҳудуди гумрукии давлати дигар ба расмият дароварда шудаанд, ба истисноии иттилооти марбут ба маълумоти дорои сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда, инчунин иттилооти марбут ба маълумоти шахсӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои иштирокчии Созишномаи мазкур пешниҳод мекунанд. Мубодилаи иттилоот дар робита ба декларатсияҳои содиротии бақайдгирифтаи мақомоти гумруки

давлатҳои иштирокчии Созишномаи мазкур баъди эътибор пайдо намудани Созишномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.

Мубодилаи иттилоот ройгон анҷом дода мешавад.

**Моддаи 6**

Барои амалисозии муқаррароти Созишномаи мазкур мақомоти ваколатдори Тарафҳо замима ба Созишномаи мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, Шартҳои техникии мубодилаи иттилоотро дар асоси дуҷониба тасдиқ мекунанд.

Дар баробари ин таркиби маълумот барои мубодилаи иттилооте, ки ҷиҳати муайян ва назорат кардани арзиши гумрукии молҳои дар замима ба Созишномаи мазкур зикргардида зарур аст, метавонад бо розигии мутақобилаи мақомоти ваколатдори Тарафҳо илова ва ё ихтисор карда шавад.

Мубодилаи иттилоот дар шакли электронӣ байни мақомоти ваколатдори Тарафҳо пас аз таъмини омодагии техникии онҳо ва ба таври хаттӣ дар ин бора якдигарро огоҳ кардан амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 7**

Мақомоти ваколатдори Тарафҳо иттилоот оид ба санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои худ, инчунин маълумотнома ва таснифоте, ки ҳангоми пур кардани декларатсияи содиротӣ истифода бурда мешаванд, ҳуҷҷатҳо ва маълумоти марбут ба муайян ва назорат кардани арзиши гумрукии молҳоро мубодила мекунанд.

Ҳангоми амалисозии муқаррароти Созишномаи мазкур мақомоти ваколатдори Тарафҳо бо мақсади омӯзиши таҷрибаи муайян ва назорат кардани арзиши гумрукии молҳо ҳамкорӣ менамоянд.

**Моддаи 8**

Иттилооте, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори Тарафҳо мутобиқи Созишномаи мазкур гирифта шудааст, хусусияти махфӣ дошта, танҳо бо мақсадҳои гумрукӣ истифода бурда мешавад. Бо мақсадҳои дигар истифода намудани иттилоот метавонад танҳо бо розигии пешакии хаттии мақоми ваколатдори Тарафе, ки ин маълумотро додааст, ба роҳ монда шавад.

Мақомоти ваколатдори Тарафҳо метавонанд иттилооти дар асоси Созишномаи мазкур гирифташударо ба сифати далел дар ҷараёни

мурофиаҳои судӣ ва маъмурӣ истифода баранд. Истифодабарии чунин иттилоот ба сифати далел дар мақомоти судӣ ва қувваи исботкунандаи он мутобиқи қонунгузории давлатҳои иштирокчии Созишномаи мазкур муайян карда мешавад.

Тарафе, ки дар доираи Созишномаи мазкур иттилооти фиристодашавандаро қабул менамояд, ухдадор аст, ки ҳимояи онро мутобиқи муқаррароти қонунгузории давлати худ таъмин намояд.

### Моддаи 9

Мукотиба оид ба масъалаҳои амалигардонии муқаррароти Созишномаи мазкур бо забони русӣ ба роҳ монда мешавад.

### Моддаи 10

Созишномаи мазкур ба ҳуқуқу ухдадориҳои ҳар яке аз Тарафҳо, ки аз шартномаҳои байналмилалии дигар бармеоянд ва ин давлат иштарокчии онҳо мебошад, дахл намекунад.

### Моддаи 11

Бо розигии мутақобилаи Тарафҳо ба Созишномаи мазкур метавонанд тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки қисми ҷудонашавандаи Созишнома буда, бо протоколи дахлдор ба расмият даровarда мешаванд.

### Моддаи 12

Баҳсҳо ва ихтилофоти марбут ба татбиқ ва шарҳи муқаррароти Созишномаи мазкур бо роҳи машварат ва гуфтушуниди байни мақомоти ваколатдори Тарафҳои манфиатдор ҳал карда мешаванд.

### Моддаи 13

Созишномаи мазкур баъди 30 рӯз аз санаи аз ҷониби маҳфуздоранда гирифтани огоҳиномаи сеюм дар бораи аз ҷониби Тарафҳои имзо/кардаи он иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани он заруранд, эътибор пайдо мекунад.

Барои Тарафҳое, ки расмиёти дохилидавлатиро дертар иҷро намудаанд, Созишномаи мазкур баъди 30 рӯзи пас аз санаи аз ҷониби маҳфуздоранда гирифтани ҳуҷҷатҳои дахлдор эътибор пайдо мекунад.

### Моддаи 14

Созишномаи мазкур баъди эътибор пайдо карданаш барои ба он ҳамроҳ шудани ҳар давлати иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо роҳи ба маҳфуздоранда супоридани ҳуҷҷат дар бораи ҳамроҳшавӣ кушода мешавад.

Барои давлати ҳамроҳшаванда Созишнома баъди гузашти 30 рӯз аз санае, ки маҳфуздоранда ҳуҷҷатро дар бораи ҳамроҳшавӣ мегирад, эътибор пайдо мекунад.

**Моддаи 15**

Созишномаи мазкур ба муҳлати номуайян баста мешавад. Ҳар яке аз Тарафҳо ҳукуқ дорад ба маҳфуздоранда дар бораи чунин мақсади худ на дертар аз шаш моҳи қабл аз хориҷшавӣ огоҳиномаи хаттӣ ирсол намуда, аз Созишномаи мазкур хориҷ шавад.

Дар шаҳри Тошканд 3 ноябри соли 2017 дар як нусхаи асл бо забони русӣ имзо шудааст. Нусхаи асл дар Кумитаи иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нигоҳ дошта шуда, он ба ҳар давлати имзонамудаи Созишномаи мазкур нусхаи тасдиқшудаи онро ирсол менамояд.

| | |
|---|---|
| Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон | Аз ҷониби Ҳукумати Федератсияи Россия |
| Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Арманистон | Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Беларус | Аз ҷониби Ҳукумати Туркманистон |
| Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон | Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Ўзбекистон |
| Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон | Аз ҷониби Ҳукумати Украина |

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Молдова

Замима
ба Созишнома оид ба мубодилаи
иттилооти зарурӣ барои муайян
ва назорат кардани арзиши
гумрукии молҳо дар давлатҳои
иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**Таркиби намунавии маълумот оид ба мубодилаи иттилооти зарурӣ барои муайян ва назорат кардани арзиши гумрукии молҳо дар давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил**

Рақами бақайдгирии декларатсияи содиротӣ;

миқдори умумии молҳо;

шумораи умумии ҷойҳои бор ки ба моли декларатсияшаванда мутобиқ буда, дар ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ (ҳамлу нақл) нишон дода шудааст;

рамзи расмиёти низоми гумрукии арзшуда;

рамзи қаблии расмиёти низоми гумрукӣ;

рамзи кишвари интиқолдиҳанда;

рамзи кишвари истеҳсолкунанда;

рамзи кишвари таъинот;

рамзи кишвари савдокунанда;

рамзи намуди воситаи нақлиёт дар сарҳад ва дохили кишвар (ҳангоми дастрас будан);

рақами воситаи нақлиёт дар сарҳад ва дохили кишвар (ҳангоми дастрас будан);

муайянсозӣ кишвари давлати бақайдгирии воситаи нақлиёт ҳангоми интиқол (ҳангоми дастрас будан);

хусусияти ҳамлу нақли контейнерӣ;

рамзи асъори нархи шартнома;

қурби асъори нархи шартнома;

маблағи умумӣ аз рӯи ҳисоб бо асъори шартнома;

рақами мол аз рӯи декларатсияи содиротӣ;

рамзи мол аз рӯи Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;

ҷойҳои боркашонӣ ва тавсифи мол аз декларатсияи содиротӣ;

вазни холис (нетто);

вазни умумӣ (брутто);

ҳуҷҷати қаблӣ;

нархи мол;

рақам ва санаи шартномаи савдои хориҷӣ;

рақам ва санаи ҳисоб - фактура;

рақам ва санаи борхати молӣ-нақлиётии байналмилалӣ;

рақами китоби МДП (ҳангоми дастрас будан);

рамзи воҳиди ченаки иловагӣ;

миқдори мол дар воҳиди ченаки иловагӣ;

шартҳои боррасонӣ (асоси боррасонӣ ва номи ҷойгиршаваии ҷуғрофӣ, мутобиқ ба асоси боррасонӣ);

арзиши оморӣи мол;

арзиши гумрукии мол (ҳангоми дастрас будан);

санаи барориши мол.